# ПРОТОКОЛИ №96

мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O11-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

24 декабри соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доранд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 28 марти 2025 с., №122/шд) тасдиқ шудааст, 11 нафар, аз ҷумла 3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос ҳузур доранд. Кворум ҳаст, аз ин рӯ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, Шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз намояд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Ягон таклифу пешниҳод ҳаст? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Ба ҳимоя тавсия додани кори диссертатсионии Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.

**Баромад намуд:** Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ Илолов М. ва узви комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Сафаров Ҷ. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад намуданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо пешниҳод шудааст, барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Кабилов Маруф Маҳмудович** – доктори илмҳои физикаю математика, мудири шуъбаи математикаи амалӣ ва механикаи Институти математикаи ба номи А. Ҷураеви АМИТ;
- **Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо** – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Муҳсинов Ёдгор Мирзоевич** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар таъин карда шавад:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн кардани автореферат дар ҳаҷми 100 адад иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя 8 – уми апрели соли 2026, соати 14:00 таъин карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -10 нафар; муқобил – нест; бетараф – 1 нафар.

**Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ** **М. Илолов**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика** **А.Б. Ғафоров**